*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14*

*ТАҚРИЗ*

*ба автореферати Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.*

Сарфи назар аз кӯшиши ҳамаҷониба таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои бо озуқаворӣ таъмин кардани минтақаҳои алоҳида, онҳо тадқиқоти ҳамаҷонибаи худро наёфтаанд. Ҳамзамон, то имрӯз ба нақши минтақа дар низоми таъмини амнияти озуқаврии кишвар ва такмил додани механизми иқтисодии бо озуқаворӣ таъмин намудани минтақа боназардошти хусусиятҳои хоси он ба қадри кофӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда нашудааст. Ғайр аз он, асосҳои назариявии омӯзиши оқилонаи механизми бозор ва танзими давлатии бозори озуқаворӣ, имкониятҳои молиявии давлат барои дастгирии истеҳсолкунандагони ватании озуқаворӣ, диверсификатсияи минтақаҳо аз ҷиҳати худтаъминкунии онҳо бо озуқаворӣ дар сатҳи даркорӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурат ва рӯзмарра будани ин таҳқиқотро муайян менамояд.

Дар автореферат оварда шудааст, ки дар асоси самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини амнияти озуқаврии минтака, бояд принсипи ташкили муҳайё намудани шароити мувофиқ, ки ба талаботи устувории экологӣ ва иҷтимоӣ, муътадил ва ба кадри кифоя самаранокиии иқтисодии баланд на танҳо барои минтакаҳои алоҳида, балки барои тамоми ҷумҳурӣ мувофиқ мебошанд, меистад. Ҳалли бомуваффакияти масъалаҳои рушди минбаъда пеш аз ҳама бо фаъолияти самараноки низоми идоракунии давлатии амнияти озуқаврии минтақа, ки ба истифодаи якҷояи оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, алоқаманд мебошад. (с.21-22)

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳалли пурраи чорабиниҳо оиди таъмини амнияти озуқаврии минтақа имконият медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти озуқавии воридотивазкунандаро тараққӣ дода, коркард ва истеҳсоли онҳоро бо истифода аз маҳсулотҳои худӣ дар дохили кишвар ба роҳ монем ва ба ин васила ҷумҳурии аграриро ба ҷумҳурии саноатию аграрӣ табдил диҳем. Инчунин, дар шароити ҳозира ҳалли таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун низоми муҳими пешбурди зиндагӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли вазифаҳо дар соҳаи мудофиавию амнияти умумииқтисодӣ нақши ниҳоят муҳимро мебозад. Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз шартҳои нигоҳдорӣ ва арзи вуҷуд доштани давлати мустақил, дунявӣ, соҳибистиқлол ва амнияти иқтисодию иҷтимоии

худро таъминкунанда ба ҳисоб рафта, роҳи ояндаи тараққиёти ҷомеаро муайян менамояд.

Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, муаммоҳои таъмини устувори минтақа бо озуқаворӣ дар шароити танзими давлатии бозори озуқаворӣ ва таҳкими истиқлолияти иқтисодии минтақаҳо ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим, зимни тадриси фанҳои таълимии “Иқтисоди миллӣ”, “Асосҳои агробизнес”, “Иқтисодиёти кишоварзӣ” ва “Иқтисоди минтақа” дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои олии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод: расми 2-и дар автореферат овардашуда (с. 14), ки сухан сари масъала-ҳои таркиб ва сохтори механизми худтаъминкунии озуқаворӣ меравад, ба пуррагӣ таҳлили худро наёфтааст. Аз он ҷумла субъектҳои худтаъминкунии озуқаворӣ шарҳи ботавсили худро наёфтаанд, ки агар он ба назари эътибор гирифта мешуд, боз ҳам мазмуну мундариҷаи авторефератро бой менамуд. )

Новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати дисертатсияи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии таъмини амнияти озуқаворӣи минтақаро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Исайнова Манижа Ҳисайновна арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**д.и.и., профессор, муовини**
**директори ИИД АМИТ** **Мирсаидов А.Б.**

Имзои Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ мекунам
Инспектори калони ШК Э. Қурбонов.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ